***УДК 347.1***
***DOI 10.24412/2411-1945-2023-4-12-20***

***АСОСҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН***

***Раҳмон Озода Эмомалӣ**, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, докторанти кафедраи таърихи давлат ва ҳуқуқи ДМТ (Душанбе, Тоҷикистон)*

***МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИССЛЕДОВАНИЯ ПРАВОВОГО СТАТУСА ЖЕНЩИН***

***Рахмон Озода Эмомали,** канд. юрид. наук, докторант кафедры истории государства и права ТНУ (Душанбе, Таджикистан)*

***METHDOLOGICAL BASE OF THE STUDY OF THE LEGAL STATUS OF THE WOMANS***

***Rahmon Ozoda Emomali,** candidate of legal sciences, doctoral student of the history of state and law department under the TNU (Dushanbe, Tajikistan) **e-mail:** www-rustam-tj@mail.ru*

*Асосҳои илмӣ-методологии таҳқиқоти вазъи ҳуқуқии занон муайян карда шудаанд. Вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо вазъи ҳуқуқии шахс, ҳамчун намуди вазъи ҳуқуқӣ, дар робита бо ҳолати воқеии занон ҳамчун категорияи иҷтимоии аҳолӣ, сифатҳои биологиву физиологии занон, мавқеи занон дар ҳаёти ҷомеа таҳқиқ мешавад. Аҳаммияти таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон бо истифода аз усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, мушаххаси таърихӣ, тамадунӣ-фарҳангӣ муайян карда мешавад. Зарурати таҳқиқоти илмии умуминазариявии вазъи ҳуқуқии занон исбот карда мешавад. Талаботи методологӣ ба таҳқиқоти вазъи ҳуқуқии занҳо муайян карда мешавад. Таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ ба вазъи ҳуқуқии занон таъкид мегардад.*

***Калидвожаҳо**: вазъи ҳуқуқии занон, ҳолати иҷтимоии занон, методология, фарҳанг, тамаддун, ҷаҳонишавӣ*

*Определяются научно-методологические основы исследования правового статуса женщин. Правовой статус женщин исследуется в контексте правового статуса личности как разновидность правового статуса во взаимосвязи с социальным положением женщин как особой социальной категории населения, с учетом биологических и физиологических качеств женщин, особого места женщин в жизни общества. Определяется значение историко-правового, конкретно-исторического, культурно-цивилизационного методов для исследования правового статуса женщин. Подтверждается необходимость общетеоретического исследования правового статуса женщин. Определяются методологические требования к исследованию правового статуса женщин. Правовой статус женщин исследуется с учетом влияния глобализации, глобальных вызовов и угроз.*

***Ключевые слова**: правовой статус женщин, социальное положение женщин, методология, культура, цивилизация, глобализация*

*The article defines the scientific and methodological basis for studying the legal status of women. The legal status of women is studied in the context of the legal status of an individual as a type of legal status in connection with the social status of women as a special social category of the population, taking into account the biological and physiological qualities of women, the special place of women in the life of society. The importance of historical-legal, specific historical, cultural and civilizational methods are determined for studying the legal status of women. The need for a general theoretical study of the legal status of women is confirmed. Also, the author determined methodological requirements for research into the legal status of women. The legal status of women is examined taking into account the influence of globalization, global challenges and threats.*

***Keywords**: legal status of the women, social position of the women, methodology, culture, civilization, globailization*

Мафҳуми илмии «вазъи ҳуқуқии шахс» умумӣ буда, ҳолати воқеии шахсро, сарфи назар аз мансубияташ ба гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ муайян мекунад. Мафҳуми зикршуда, ки дар назарияи давлат ва ҳуқуқ солҳои тӯлонӣ истифода мешавад, барои таҳқиқи вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ ҳамчун заминаи назариявӣ-методологӣ истифода мешавад. Бо истифода аз ин мафҳуми умумӣ вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳо ё категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ, ба мисли занҳо, нафақахӯрон, маъюбон ва дигаронро таҳқиқ намудан мумкин аст. Айни замон мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ хусусиятҳои муайянро пайдо мекунад. Барои таҳлили илмии ҳолати ҳуқуқии гуруҳҳои иҷтимоии аҳолӣ мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии занҳо», «вазъи ҳуқуқии нафақахӯрон», «вазъи ҳуқуқии маъюбон» ва дигар истифода мешаванд.

Илова бар ин, вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳо ё категорияҳои ҷудогонаи аҳолӣ дар илмҳои соҳавии ҳуқуқшиносӣ низ таҳқиқ мешавад. Дар ин соҳаҳои илм хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ бо дарназардошти вижагии предмети танзими ҳуқуқии соҳаҳои алоҳидаи ҳуқуқ, аз ҷумла муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ, меҳнатӣ, оилавӣ ва дигар муайян карда мешаванд. Аммо вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ, алалхусус, занҳо дар назарияи давлат ва ҳуқуқ дар сатҳи кофӣ таҳқиқ нашудааст. Айни замон таҳқиқоти илмии назариявии вазъи ҳуқуқии занон бо истифода аз донишҳои илмии умуминазариявӣ аҳаммияти илмӣ ва методологӣ дорад.

Олимон ва муҳаққиқони зиёд оид ба аҳаммияти таҳқиқоти илмии вазъи ҳуқуқии занҳо ибрози андеша намудаанд. Чунончи, А.А. Гуляев оид ба ин масъала чунин ақида дорад: «Масъалаи занҳо, аз ҷумла ҳуқуқу вазифаҳои зан ҳамчун шахс ва шаҳрванд аз ҷумлаи масъалаҳои мубрам мебошад, ки аҳаммияти бағоят калони ҳаётӣ ва таърихӣ дорад» [8, с.3].

Занҳо таърихан, аз лиҳози мавқеъ ва нақши биологиву физиологӣ, иҷтимоию сиёсӣ, фарҳангию маънавӣ дар инкишофи таърихии инсоният ҳамеша саҳми муҳим ва ҳалкунанда доранд. Ба андешаи муҳаққиқон, занҳо дар таърихи башар саҳми калон дошта, тағйироти ночиз дар тақдир ва вазъи занон боиси дигаргунӣ дар сохтори ҷомеа ва давлат мегардад [8, с.4].

Зарурати таҳқиқоти илмии умуминазариявии вазъи ҳуқуқии занон бо омилҳои зерин муайян карда мешавад.

Якум, занҳо категорияи иҷтимоии аҳолӣ буда, айни замон дар таносуб бо гурӯҳҳои дигари аҳолӣ хусусиятҳои ба худ хоси биологӣ, физиологӣ, равонӣ, иҷтимоӣ доранд. Таҳқиқи хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон имкон медиҳад, ки мафҳуми умуминазариявии «вазъи ҳуқуқии шахс» дар иртибот бо вазъи ҳуқуқии занҳо мушаххас гардонида шавад.

Дуюм, вазъи ҳуқуқии умумии занон, сарфи назар аз вазъи ҳуқуқии мушаххаси онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии ҷудогона муайян карда мешавад. Айни замон хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон дар муносибатҳои ҳуқуқии гуногун (меҳнатӣ, конститутсионӣ, оилавӣ ва дигар) ҳатман ба инобат гирифта мешаванд. Дар заминаи ҳамин хусусиятҳо мафҳуми умуминазариявии «вазъи ҳуқуқии занон» пешниҳод гардида, мафҳуми илмии умуминазариявӣ дар заминаи муттаҳид намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занон дар муносибатҳои ҳуқуқии гуногун муайян карда мешавад. Чунин усули таҳқиқи методологӣ барои пешниҳоди мафҳуми умумии «вазъи ҳуқуқии занон» аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад, чунки дар соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ ба инобат гирифта мешавад.

Дар ин ҳолат дарки мафҳумҳое, ки хусусиятҳои гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро ифода мекунанд, аҳаммияти илмӣ пайдо мекунад. Аз ҷумла, таҳлили вазъи ҳуқуқии занҳо бо дарназардошти талаботи зерин бояд анҷом дода шавад:

1. Мафҳуми «вазъи ҳуқуқии занҳо» бо мақсади муайян намудани ҳолати воқеии занон

дар ҷомеа, аз ҷумла бо дарназардошти хусусиятҳои ҳолати воқеии занон дар таносуб бо ҳолати воқеии мардон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ таҳқиқ карда мешавад. Ҳолати воқеии занон дар оила, дар муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, дар ҳаёти сиёсӣ ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон бояд ба инобат гирифта шавад.

Айни замон вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо баробарҳуқуқии мардон ва занон муайян карда мешавад. Баробарҳуқуқии мардон ва занон, ки тавозуни ҳуқуқу озодиҳои мардону занон, салоҳияти ҳуқуқии баробари онҳоро дар назар дорад, ҷузъи вазъи ҳуқуқии занҳо маҳсуб мешавад. Бидуни таҳлили баробарҳуқуқии мардону занон таҳқиқи ҳаматарафа ва пурраи вазъи ҳуқуқии занон ғайриимкон аст. Илова бар ин, баробарҳуқуқии мардону занон дар бештари давлатҳо дар сатҳи Конститутсия кафолат дода мешавад [16]. Баробарҳуқуқии мардону занон ҳамчун унсури марказии вазъи ҳуқуқии занон кафолати конститутсионӣ дорад.

2. Муайян намудани ҳолати воқеии занон ҳамчун гурухи махсуси иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ, биологӣ ва иҷтимоии занон зарур аст. Дар натиҷа хусусиятҳои мавқеи занон дар ҷомеа бо дарназардошти сифатҳои табиӣ-биологӣ ва иҷтимоии занон муайян карда мешавад.

Оид ба мавқеи занон дар ҳаёти ҷомеа дар таърихи афкори илмӣ андешаҳо, ақидаҳо. назарияҳои гуногун пешкаш шудаанд. Онҳо вазъи иҷтимоии занонро дар робита бо сифатҳои табиӣ-биологӣ ва иҷтимоии занон ҳамчун гурӯҳи махсуси демографии аҳолӣ муайян мекунанд. Ин боиси пайдо шудани ақидаҳо ва назарияҳои мухталиф гардидааст.

Чунончи, дар як қатор назарияҳо бо дарназардошти сифатҳои табиӣ-биологии занон нобаробрии занон ва мардон ва дар ин замина тобеияти зан ба мард пазируфта мешавад. Аз ин андеша муҳаққиқони гуногун ба мақсадҳои хеш истифода мебаранд. Аз ҷумла, ақидаи бартарии табиии мардон бар занон, имконнопазир будани тағйири мавқеи маъмулии занон дар ҷомеа дар асарҳои А.Стривдберг, Ф.Нитсше, З.Фрейд, А.Шопенгауэр изҳор шудааст.

Аммо муҳаққиқони дигар, аз ҷумла Я.Беме, Н.Бердяев, В.Соловёв, Н.Федоров ва дигарон тафовути табиии зану мардро эътироф намуда, айни замон мавқеи баланди занро дар ҳаёти ҷомеа қайд мекунанд.

Дар асри XVIII ақидаи баробарҳуқуқии мардону занон дар асарҳои Ж.-Ж. Руссо, Ж.А.Кондорсэ, Ф.Вольтер, Д.Дидро пешкаш мешавад. Дар давраҳои минбаъда, алалхусус, дар нимаи дуюми асри ХХ, бо баробари қабули санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои занон ақидаҳо ва назарияҳои демократӣ оид ба вазъи иҷтимоии занон паҳн мешаванд.

Айни замон таҳқиқоти вазъи иҷтимоии занон дар заминаи истифодаи нуқтаҳои назари гуногун вусъат меёбад. Аз ҷумла, оид ба вазъи иҷтимоии занон нуқтаҳои назари зайл дар илм истифода мешаванд: патриархалӣ (падаршоҳӣ), иқтисодӣ, демографӣ, эгалитарӣ (аз калимаи фаронсавии «эгалитэ» – баробарӣ). Дар заминаи ин нуқтаҳои назар вазъи иҷтимоии занон дар робита бо равандҳои ахлоқӣ, иқтисодӣ, демографӣ ва бо дарназардошти ақидаи баробарҳуқуқии мардону занон муайян карда мешавад [ниг. ба 2].

Дар илми муосир вазъи махсуси занон ба ҳайси гурӯҳи иҷтимоии биологӣ, демографӣ ва бо дарназардошти равандҳои муосири ҳаёти ҷомеа, пеш аз ҳама, тадбирҳои муассир дар бахши баланд бардоштани мавқеи занон дар ҳаёти ҷомеа, таъмини баробарҳуқуқии мардону занон таҳлил карда мешавад. Дар таҳиқоти имрӯза таъсири омилҳои биологӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ ба вазъи иҷтимоии занон бо дарназардошти усулҳои таҳқиқи математикӣ, аз ҷумла моделсозии математикӣ ва сотсиологӣ ба инобат гирифта мешавад [24, с. 256].

С.В. Поленина хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии занонро дар робита бо ҳуқуқҳои коллективӣ, ки пас аз ҳуқуқҳои фардии сиёсӣ, шахсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ташаккул меёбанд, муайян мекунад. Ба андешаи мавсуф, ҳуқуқҳои коллективӣ ё ҳуқуқҳои насли сеюм ба

категорияҳои ҷудогонаи аҳолӣ, аз қабили ҷавонон, нафақахӯрон, маъюбон, бекорон, гурезаҳо, занон ва дигарон, ки бо сабабҳои маълум имконияти пурра ва ҳаматарафа амалӣ намудани ҳуқуқҳои хешро надоранд, тааллуқ доранд. Дар байни ин категорияҳои аҳолӣ маҳз занон мақоми махсусро доро мебошанд, чунки бинобар сифатҳои физиологии хеш ба дастгирии давлат эҳтиёҷ доранд [19, с. 4-5].

Вазъи ҳуқуқии занон қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи вазъи иҷтимоии занон мебошад. Вазъи ҳуқуқии занон шакли ифодаи ҳуқуқии вазъи иҷтимоии занон буда, тавассути ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳо таъмин мегардад. Аз ин хотир, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии соҳаи фалсафа, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ, сиёсатшиносӣ оид ба вазъи иҷтимоии занҳо барои таҳлили илмии вазъи ҳуқуқии занон аҳаммияти илмӣ-методологӣ ва амалӣ дорад. Зимни таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занҳо датстовардҳои илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ ва илмҳои дигар бояд истифода шаванд.

3. Таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занҳо бо дарназардошти давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, ки дар онҳо ҳолати воқеии занон доимо тағйир ёфтааст, бояд сурат гирад.

Таҳқиқоти масъалаи мазкур имкон медиҳад, ки раванди ташаккули вазъи ҳуқуқии занон дар минатқаҳо ва кишварҳои ҷудогона, таърихи ҳаракати занон, соҳиб шудани онҳо ба ҳуқуқҳои хеш муайян карда шавад. Тавре маълум аст, занон дар тӯли асрҳо аз ҳуқуқҳои аслии хеш маҳрум шуда буданд. С.В. Поленина менависад, ки ҳатто Эъломияи ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванди Фаронса (соли 1789) ҳуқуқҳои занонро танзим намекард, зеро «дар забони фаронсавӣ истилоҳи «les hommes» маънои на «зан», балки «мард» ва «инсон»-ро дорад» [21, с.230].

Ин тарзи таҳқиқи илмӣ имкон медиҳад, ки қонуниятҳои умумии инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ муайян карда шаванд. Дар заминаи чунин қонуниятҳо, ки равандҳо, тамоюл, хусусиятҳои инкишофи таърихии вазъи ҳуқуқии занонро ифода мекунанд, хусусиятҳои инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар кишварҳо ё минтақаҳои алоҳида муайян карда мешаванд. Чунончи, қонуниятҳои инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон хусусиятҳои ин раванди таърихиро дар муқоиса бо кишварҳои дигар муайян мекунад, чунки раванди инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар кишварҳо ва минтақаҳои ҷаҳон гуногун аст.

4. Вазъи ҳуқукии занон бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихӣ (ҳаёти ҷомеа) ва шароити зиндагии занон бояд муайян карда шавад.

Ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон шароити таърихии вазъи воқеии занҳо, ҳамчунин, ақидаву назарияҳои пешниҳодшударо мебояд ба инобат гирифт. Чунончи, назарияҳои сотсиалистӣ ва буржуазии вазъи занон, ки дар давраи шӯравӣ пешкаш гардида, вазъи занонро дар кишварҳои сотсиалистӣ ва капиталистӣ таҳқиқ менамуданд, аз ҳамдигар фарқи куллӣ доштанд. Аз як тараф, вазъи занон дар давлатҳои сотсиалистӣ ва капиталистӣ воқеан фарқ дошт. Аз тарафи дигар, назарияҳои номбурда дар шароити муборизаи оштинопазири идеологӣ пешкаш гардида, мақсадҳои сиёсӣ ва идеологӣ доштанд.

Дар давлати шӯравии сотсиалистӣ вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо ҳуқуқҳои сиёсӣ ва меҳнатӣ, ҳимояи модару кӯдак, фаъолияти сиёсиву ҷамъиятии занон таҳлил мешавад. Солҳои 1950-1960-ум шумораи зиёди монографияҳои илмӣ оид ба ҳуқуқи занони шӯравӣ ба меҳнат нашр мешаванд [15;18;22;29]. Ҳуқуқҳои мехнатии занон бо дарназардошти пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлати шӯравӣ, кафолатҳои воқеии мехнати занон, ҳимояи меҳнати занон омӯхта мешуданд. Солҳои 70-уми қарни бист мақолаҳои илмии зиёд оид ба вазъи занон нашр мешаванд. Дар онҳо назарияи сотсиалистии вазъи занон ҳимоя карда шуда, норасоиҳои ҷиддии ҷомеаи капиталистӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқҳои занон ошкор ва танқид карда мешаванд [4;7;10;17;26;30]. Дар ин давра монографияҳо оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии занони шӯравӣ интишор мешаванд. Дар ин

асарҳои илмӣ вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо ҳуқуқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангии занон, никоҳ, оила, баробарии мардону занон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таҳқиқ карда мешавад.

Дар давлатҳои капиталистӣ назарияҳои ғарбии ҳуқуқҳои занон тарғибу ҳимоя карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҳифзи байналмилалии занон дода шуда, зарурати ҷудо намудани ҳуқуқи байналмилалии занон дар таркиби ҳуқуқи байналмилалӣ исбот карда мешавад. Заминаи назариявии таклифи мазкурро ақидаи тафовути ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои занон ташкил медиҳад.

Вазъи ҳуқуқии занон дар давлатҳои исломӣ хусусиятҳои худро дорад. Назарияҳои сотсиалистӣ, ғарбӣ (амрикоӣ, аврупоӣ) ва дигари вазъи ҳуқуқии занон табиист, ки дар мамлакатҳои исломӣ амалӣ карда намешаванд. Вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии занон дар ин кишварҳо бо сарчашмаҳои динӣ ва қонунгузории давлатҳои исломӣ муайян карда мешавад. Вазъи ҳуқуқии занони мусулмон дар тафовут аз вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии занони кишварҳои дигар хусусиятҳои худро дорад. Оид ба вазъи ҳуқуқии занон дар кишварҳои исломӣ ҳанӯз солҳои 1960-1970-ум таҳқиқоти васеи илмӣ анҷом дода шуда буд [3;6;14;12;27]. Таҳқиқоти мазкур солҳои 1980-1990-ум идома меёбад [5;13;]. Оид ба вазъи ҳуқуқии занони мусулмон муҳаққиқони кишварҳои исломӣ низ фаъолона таҳқиқоти илмӣ мебаранд [1;23;]. Вазъи иҷтимоии занони мусулмон дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқони ИМА ва Британияи Кабир қарор дорад [31;32;33;34].

Дар ин асарҳои тафсирӣ ва илмӣ вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занони кишварҳои исломӣ таҳлил карда мешавад. Айни замон оид ба вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занони мусулмон ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ихтилофоти нуктаҳои назари муҳаққиқон оид ба вазъи ҳуқуқии занони кишварҳои исломӣ бештар зоҳир мешавад, чунки ин ақидаҳо, андешаҳо, нуқтаҳои назар аз ҷониби намояндагони динҳои гуногун, намояндагони тамаддунҳои мухталиф пешкаш мешаванд. Дар чунин ҳолат табиист, ки дар байни ақидаҳои муҳаққиқони кишварҳои исломӣ ва кишварҳои дигар тафовути нуқтаҳои назар ба миён меояд. Таҳқиқи вазъи иҷтимоии воқеии занони мусулмон дар асарҳои мухаққиқони кишварҳои исломӣ (намояндагони дин ва тамаддуни исломӣ) ва асарҳои муҳаққиқони кишварҳои дигар (намояндагони дини масеҳӣ, тамаддуни ғарбӣ) аз ҳамдигар фарқ дорад. Илова бар ин, муҳаққиқони ҷудогонаи ғарбӣ зимни таҳлили вазъи иҷтимоии занони мусулмон мавқеи идеологӣ ва сиёсӣ доранд.

Ба сатҳи таҳқиқоти вазъи иҷтимоии занони кишварҳои исломӣ сатҳи рушди мамлакатҳои исломӣ, аз ҷумла давлатҳои халиҷи Форс, вусъати иштироки занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва сиёсӣ (дар мақомоти давлатӣ, дар фаъолияти парламент, ҳукумат, дар ҳаёти ҷомеа), тафсирҳои нави муқаррароти Қуръон ва ҳадисҳо, тағйири шуур ва мафкураи занон таъсир мерасонанд. Тағйироти вазъи иҷтимоии занон, ки солҳои охир мушоҳида мешавад, ба таҳқиқоти ин соҳа таъсиргузор аст. Чунончи, занони Афғонистон то бар сари қудрат омадани толибон дар фаъолияти Ҳукумат ва парлумони ин кишвар иштирок менамуданд, ба занони Арабистони Саудӣ соли 2017 бори аввал ҳуқуқи ронандагӣ ва дигар ҳуқуқҳо дода мешавад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занони кишварҳои исломӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Гуфтаҳои боло собит мекунанд, ки вазъи ҳуқуқии занон бояд бо дарназардошти шароити мушаххаси таърихӣ дар ин ё он кишвар ё минтақа, дар робита бо навъи тамаддун, хусусиятҳои фарҳангии халқҳои мухталифи ҷаҳон омӯхта шаванд. Сарфи назар намудани шароити мушаххаси таърихӣ боиси таҳқиқоти нопурра, рӯякӣ, яктарафа мегардад. Усули илмии таҳқиқи мушаххаси таърихӣ ҳангоми таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон бояд ҳтман ба инобат гирифта шавад.

Ба инобат нагирифтани усули илмии зикршуда боиси он мегардад, ки таъсири шароити

мушаххаси таърихии ин ё он кишвар ба вазъи воқеии занон сарфи назар мегардад, бартарияти вазъи иҷтимоии занони як минтақа (кишвар ё гурӯҳи кишварҳо) нисбат ба занони дигар минтақа (минтақаҳо) тарғиб карда мешавад, натиҷаҳои илмӣ ба мақсадҳои идеологӣ ва сиёсӣ истифода мешаванд. Чунончи, дар таҳқиқоти ҷудогонаи ғарбӣ, ки ба нуқтаи назари аврупогароӣ ё ғарбгароӣ такя доранд, дастовардҳои фарҳанг ва тамаддуни Шарқ сарфи назар карда мешаванд, вазъи воқеии (аслии) иҷтимоии занон аниқ муайян карда намешавад.

Аз ин хотир, инкишофи вазъи ҳуқуқии занон дар сарзамини таърихии тоҷикон бояд бо истифодаи усули таҳлили мушаххаси таърихӣ анҷом дода шавад. Тавассути ин усули илмӣ вазъи иҷтимоии воқеии занон дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, дар дохили навъҳои гуногуни тамаддун, бо дарназардошти унсурҳои фарҳангии вазъи иҷтимоӣ-ҳуқуқии занон муайян ва таҳқиқ карда мешавад.

5. Зимни таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон таъсири раванди ҷаҳонишавӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои нави ҷаҳониро мебоист ба инобат гирифт.

Пӯшида нест, ки ҷаҳонишавии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ба вазъи иҷтимоии занон таъсири муайян мерасонад. Ворид гардидани фарҳанги бегона, аз ҷумла меъёрҳои бегонаи зиндагиву рафтор, тарзҳои нави либоспӯшӣ, маишат, тафаккур, тарғиби шаҳватпарастӣ ва дигар падидаҳои номатлуб ба шууру амали духтарону занон, аз он ҷумла дар ҷомеаи шарқӣ таъсир мерасонад. Таъсири фарҳанги бегона зимни муҳоҷирати меҳнатии занон ба мамлакатҳои дорои фарҳанги дигар низ мушоҳида мешавад. Айни замон хатарҳои нави ҷаҳонӣ, аз ҷумла ҷалби духтарону занон ба фаъолияти ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ба гурӯҳҳои ҷиноятпеша, ҳамчунин, савдои одамон, алалхусус, духтарону занон, истисмори меҳнати онҳо, зӯроварӣ нисбат ба занон ҳуқуқу озодиҳои онҳоро поймол мекунанд. Ба ин масъала созмонҳо ва ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ, давлатҳо, муҳаққикон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд [20;25, с.136-138].

Тағйири режими сиёсӣ дар натиҷаи низои ҷангӣ, ба сари ҳокимият омадани гурӯҳҳои ифротгаро метавонад вазъи иҷтимоии занонро ба таври куллӣ тағйир диҳад. Чунончи, озодӣ ва ҳуқуқҳои духтарон, занон, кӯдакон дар ҳудуди ишғолнамудаи ташкилоти террористии «Давлати исломӣ» дағалона поймол шуда буданд. Тибқи маълумоти Ф. Закариё, якчанд даҳсола пештар шаҳри Кобул яке аз шаҳрҳои барои занон озоди минтақаи Осиё маҳсуб мешуд. Аммо дар замони ҳукмронии толибони Афғонистон занони ин кишвар аз ҳуқуқҳои маъмулии хеш маҳрум мешаванд [11, с.125-155].

Ҳуқуқу озодиҳои занон ҳангоми сар задани низои мусаллаҳона кафолат дода намешаванд. Амалиёти ҷангӣ ба вазъи занон, духтарон, кӯдакон, ки гуруҳи осебпазири аҳолӣ мебошанд, хатари ҷиддӣ дорад. Ин ҳолатро ҳоло дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон мушоҳида намудан мумкин аст. Тавре Е. Шакуро қайд мекунад: «Аз низоъҳои ҷангӣ ва терроризм халқҳои зиёд зарар мебинанд, вале занону духтарон бинобар мавқеяшон дар ҷомеа ва ҷинсашон оқибатҳои онҳоро бештар эҳсос мекунанд» [28].

Тибқи маълумоти СММ, аз соли 1987 дар низоъҳои гуногуни ҷангӣ 2 млн. занон ва кӯдакон қурбон шудаанд, ки қариб 90 % қурбоншудагон ва захмишудагони низоъҳои ҷангиро ташкил медиҳад. Қариб 6 млн. занону кӯдакон ярадор шудаанд. Агар дар рафти Ҷанги якуми ҷаҳон қурбоншудагон дар байни аҳолӣ 5 фоизи шумораи умумии қурбоншудагонро ташкил дода бошанд, пас дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ин адад ба 48 % мерасад. 90 фоизи қурбоншудагони низоъҳои ҷангиро дар ҷаҳон аҳолии осоишта ташкил мекунад ва дар байни онҳо шумораи занону кӯдакон торафт меафзояд [9, с.191].

***ПАЙНАВИШТ:***


1. *Абдаллах Шихата. Ад-Даава ал-исламийа ва ал-и'лам ад-дийни / Абдаллах Шихата. – Каир, 1978. – 130 с.*
2. *Акматалева Ч.О. Женщина в современном обществе (социально-философский анализ): автореферат дис… канд. философских наук / Специальность 09.00.01. – Диалектический и исторический материализм/ Ч.О.Акматалева. – Москва, 1991. – 19 с.*
3. *Бартольд В.В. Первоначальный ислам и женщина /В.В. Бартольд. – Соч. Т. VI. – Москва, 1966. – 785 с.*
4. *Бильшай В. Решение женского вопроса в СССР / В.Бильшай. – Москва, 1956. – 247 с.*
5. *Вагабов М.В. Ислам и семья / М.В. Вагабов. – Москва, 1980. – 174 с.*
6. *Вагабов М.В. Отношение мусульманской религии к женщине. Изд-во «Знание»/ М.В. Вагабов. – Москва, 1962. – 232 с.*
7. *Гоффе Н. Проблемы женской занятости в Италии / Н. Гоффе // Мировая экономика и международные отношения. – 1975. - № 9. – С.117-121.*
8. *Гуляев А.А. Миссионерское значение изучения женского вопроса в исламе и христианстве / А.А. Гуляев. – Уфа: Электрическая губернская типография, 1909. – 15 с.*
9. *Дорогой уважения, защиты и реализации прав человека: Материалы Международной научно-практической конференции «Права человека: ООНовское измерение и их реализация на рубеже XXI века». Брестский государственный университет. 17 декабря 1998 года. – Брест: Издательство С. Лаврова, 1999. – 294 с.*
10. *Женщины двух миров // Проблемы мира и социализма. – 1977. - № 3. – С.91-93.*
11. *Закария Ф. Будущее свободы: нелиберальная демократия в США и за их пределами / Ф.Закария. – Москва, 2004. – 214 с.*
12. *Иман-заде С. Религия ислама и женщина / С. Иман-заде. – Баку, 1958 – 172 с.*
13. *Ислам, женщина и семья. – Махачкала, 1994. – 191 с.*
14. *Климович Л.И. Ислам и женщина / Л.И. Климович. – Москва, 1958. – 47 с.*
15. *Лукин Н.Н. Забота о женщине-труженице и матери: правовые вопросы / Н.Н. Лукин. – Кишинев, 1986. – 184 с.*
16. *Максимов А.А. Конституционно-правовые основы обеспечения равенства прав и свобод мужчин и женщин: дис... канд. юрид. наук / Специальность 12.00.02 – Конституционное и муниципальное право / А.А. Максимов. – Москва, 2013. – 196 с.*
17. *Опыт КПСС в решении женского вопроса. – Москва, 1981. – 269 с.*
18. *Охрана материнства и детства в СССР: сб. нормативных актов. – Москва, 1986.- 386 с.*
19. *Поленина С.В. Закон и коллективные права женщин как социального слоя населения / С.В. Поленина // Теория права: новые идеи. – Москва, 1995. – С. 4-5.*
20. *Поленина С.В. К вопросу о путях искоренения криминогенных последствий глобализации (торговля женщинами и детьми) / С.В. Поленина // Представительная власть – XXI век. – 2004. - № 1. – С. 23-34.*
21. *Поленина С.В. Мультикультурализм и права человека в условиях глобализации / С.В. Поленина // Правовая система России в условиях глобализации и региональной интеграции: теория и практика. – Москва: Формула права, 2006. – 558 с. – С. 229-234.*
22. *Румянцева М.С. и др. Справочник женщины-работницы: Права женщин по советскому законодательству/ М.С. Румянцева. – Москва, 1963. – 287 с.*
23. *Субхи Салих. Ан-Нузум ал-исламийа / Субхи Салих. – Бейрут, 1965. – 473 с.*
24. *Сухомлинова М.В. Социальная активность женщин как фактор устойчивого развития общества: дис. … д-ра социол. наук / Специальность 22.00.01 – Теория, методология и история социологии / М.В. Сухомлинова. – Ташкент, 2004. – 324 с.*

25. *Тюрюканова Е. Женская трудовая миграция и торговля людьми из России в контексте мирового миграционного режима / Е. Тюрюканова // Торговля людьми. – Москва, 2002. – С. 136-138.*
26. *Чирков П.М. Решение женского вопроса в ССР (1917-37) / П.М.Чирков. – Москва: Мысль, 1978. – 255 с.*
27. *Шайдуллина Л.И. Арабская женщина и современность. – Москва, 1978. – 200 с.*
28. *Шакуро Е. Женщины и дети-беженцы в вооруженных конфликтах / Е. Шакуро // Белорусский журнал международного права и международных отношений. – 2001. - № 3: [манбаи электронӣ] реҷаи дастрасӣ: http://evolutio.info/ru/journal-menu/2001-3/2001-3-shakuro (санаи муроҷиат: 06.07.2023).*
29. *Яковлева Г.В. Льготы матерям / Г.В. Яковлева. – Минск, 1991. – 62 с.*
30. *Ярополов Е. Женщины Италии в борьбе за равноправие / Е. Ярополов // Проблемы мира и социализма. – 1977. - № 3. - С.88-89.*
31. *Esposito, John L. Women in Muslim Family Law. Syracuse: Syracuse University Press. 1982. - 155 p.*
32. *Obermeyer Carla Makhlouf. Islam, Women and Politics: The Demography of Arab Countries. // Population and Development Review. 1992. - Vol. 18. - №50.*
33. *S Joseph — Arab women: between defiance and restraint. Ed. Suha Sabbagh. New York: Olive Branch Press, 1996. - 271 p.*
34. *Women in Islam: From Medieval to Modern Times by Wiebke Walther; introduction by Guity Nashat.; Edition: Rev. ed ; Description: 281 p.*

**REFERENCES:**

1. *Abdallah Shikhata. Ad-Daava al-islamiya wa al-ilam ad-diini / Abdallah Shikhata. - Kair, 1978. – 130 pp.*
2. *Akmataleva Ch.O. Woman in the Modern Society social-philosophical analysis):thesis diss…candidate of Phylosophy /Specialty 09.00.01. – dialectical and historical materialism / Ch.O.Akmataleva.– Moscow, 1991. – 19 pp.*
3. *Bartold V.V. The Earliest Islam and Woman /V.V. Bartold. - Comp. V. VI. - Moscow, 1966. – 785 pp.*
4. *Bilshai V. Solution оо Women's Problem in USSR / V.Bilshai. - Moscow, 1956. - 247 pp.*
5. *Vagabov M.V. Islam and Family / M.V. Vagabov. – Moscow, 1980. – 174 pp.*
6. *Vagabov M.V. Relation of Islamic Religion to the Woman. Publishing House "Znaniye"/ M.V. Vagabov. – Moscow, 1962. - 232 pp.*
7. *Goffe N. The Matter of Women's Business in Italy / N. Goffe // World Economy and Foreign Affairs. - 1975. - № 9. - PP.117-121.*
8. *Gulyaev A.A. Mission Value of the Learning of Female Question in Islam and Christianity/ A.A. Gulyaev. – Ufa: Electronic provincial typography, 1909. – 15 pp.*
9. *With the Way of Respect, Safe and Realization of Human Right: Materials of International scientifico-practical Conference «Human Rights: UNO's dimension and their realizations in Abroad of XXI century». Brats State University. December 17, 1998. - Brats:Publishing House of S.Lavrov, 1999. – 294 pp.*
10. *Women of two Worlds //World problem and socialism. - 1977. - № 3. - PP.91-93.*
11. *Zakariya F. The Future of Freedom: non-liberal democracy in USA and far beyond it / F.Zakariya. – Moscow, 2004. – 214 pp.*
12. *Iman-zade S. Islam Religion and Woman / S. Iman-zade. – Baku, 1958 – 172 pp.*
13. *Islam, Woman and Family. – Makhachkala, 1994. – 191 pp.*
14. *Klimovich L.I. Islam and the Woman / L.I. Klimovich. – Moscow, 1958. – 47 pp.*

**15.** *Lukin N.N. Care about Hard-working Woman and Mother: legal questions / N.N. Lukin. - Kishinev, 1986. – 184 pp.*

**16.** *Maximov A.A. Constitutional-legal Basis Supply of Equalityof Rights and Freedom of Men and Women: diss... candidate of law / specialty 12.00.02 – constitutional and municipal law / A.A. Maximov. – Moscow, 2013. – 196 pp.*

**17.** *Experience of KPSS in Decision of Women's Question. – Moscow, 1981. – 269 pp.*

**18.** *Maternityand Childhood Protection in USSR: collection of standard acts. - Moscow, 1986. - 386 pp.*

**19.** *Polenina S.V. Law and Collective Rights of Women as the Social Stratum of Population / S.V. Polenina // Theory of Law: new ideas. – Moscow, 1995. – PP. 4-5.*

**20.** *Polenina S.V. To the Matter of the Ways of Extermination of Criminogenic Consequence of Globalization (white slavery) // S.V. Polenina // Representative organ – XXI century. – 2004. - № 1. – PP. 23-34.*

**21.** *Polenina S.V. Multiculturalism and Human Rights in Condition of Globalization / S.V. Polenina // Russian Legal System in Condition of Globalization and Regional Integration: theory and practice. – Moscow: Formula prava, 2006. – 558 pp. – PP. 229-234.*

**22.** *Rumyanseva M.S. and others. Hand Book of the Woman-Worker: Women's Rights on Soviet Legislation/ M.S. Rumyanseva. - Moscow, 1963. – 287 pp.*

**23.** *Subhi Salikh. An-Nuzum al-islamiya / Subhi Salikh. - Beirut, 1965. – 473 pp.*

**24.** *Sukhomlinova M.V. Women Social Activity as the Factor of Sustainable Development of the Society: diss. ... doctor of social sciences / Specialty 22.00.01 – Theory, methodology and the history of sociology / M.V. Sukhomlinova. – Tashkent, 2004. – 324 pp.*

**25.** *Turukanova E. Feminine Labour Migration and Human Traffic from Russia in the context of the World Migration Routine / E. Turukanova //Human Traffic. – Moscow, 2002. – PP. 136-138.*

**26.** *Chirkov P.M. Solution of Women's Problems in USSR (1917-37) / P.M.Chirkov. – Moscow: Mysl, 1978. – 255 pp.*

**27.** *Shaydullina L.I. Arabic Woman and Modernity. - Moscow, 1978. – 200pp.*

**28.** *Shakuro E. Women and Children – refugees in the armed conflicts / E. Shakuro //Belarus Journal of International Rights and Foreign Affairs. – 2001. - № 3: [electronic resource] date of access: http://evolutio.info/ru/journal-menu/2001-3/2001-3-shakuro (date of appeal: 06.07.2023).*

**29.** *Yakovleva G.V. Grants for Mothes / G.V. Yakovleva. – Minsk, 1991. – 62 pp.*

**30.** *Yaropolov E. Italian Women in Campaign for Equal Rights / E. Yaropolov //World and Socialism Problem. – 1977. - № 3. - PP.88-89.*

**31.** *Esposito, John L. Women in Muslim Family Law. Syracuse: Syracuse University Press. 1982. - 155 pp.*

**32.** *Obermeyer Carla Makhlouf. Islam, Women and Politics: The Demography of Arab Countries. // Population and Development Review. 1992. - Vol. 18. - №50.*

**33.** *S Joseph — Arab women: between defiance and restraint. Ed. Suha Sabbagh. New York: Olive Branch Press, 1996. - 271 pp.*

**34.** *Women in Islam: From Medieval to Modern Times by Wiebke Walther; introduction by Guity Nashat.; Edition: Rev. ed ; Description: 281 pp.*